Замимаи №1 ба Дастурамал
оид ба тартиби истифодаи
ҳисобнома-фактураҳои андоз
аз арзиши иловашуда ва аксизҳо

**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**НАЛОГОВЫЙ КОМИТЕТ ПРИ ПРАВИТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

1.1 Силсилаи ☐☐ № ☐☐☐☐☐☐

**1.2 Санаи навишт**
рӯз | моҳ | сол

**1.3 Ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо №** ☐☐☐☐

1.4 ☐ Асосӣ 1.5 ☐ Ба амалиёти содиротӣ

1.6 ☐ Иловагӣ ба ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо. Силсилаи №

Рақами тартибӣ № ☐☐☐☐☐☐☐ аз ☐☐☐☐☐☐ с.

1.7 Феҳристи рақами ☐☐☐☐☐☐☐ замима шуд, санаи тартиб додан ☐☐☐☐ с. миқдори варақҳо ☐

**2. Қисми А. Маълумот оид ба таҳвилкунандаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо)**

2.1 Ном ____________________

суроға ____________________

____________________

| 2.2 Рақами мушаххаси андозсупоранда ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ | 2.3 Силсила, рақами Шаҳодатномаи бақайдгирӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва санаи дода шудани он<br>Силсилаи ☐☐☐ рақами ☐☐☐☐☐☐ таърихи навишт с. |
|---|---|

**3. Қисми Б. Маълумот дар бораи харидори молҳо (корҳо, хизматрасониҳо)**

3.1 Ном ____________________

суроға ____________________

| 3.2 Рақами мушаххаси андозсупоранда ☐☐☐☐☐☐☐☐☐ | 3.3 Силсила, рақами Шаҳодатномаи бақайдгирӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва санаи дода шудани он<br>Силсилаи ☐☐☐ рақами ☐☐☐☐☐☐ таърихи навишт с. |
|---|---|

3.4 Мамлакат ва маҳали таъиноти содирот ____________________

**4. Қисми В. Маълумот оид ба амалиётҳо**

| № | Номгӯи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) | Воҳид | Миқдор | Амалиёти озод | Амалиёти андозбандишаванда | Маблағи андози аксизи | Меъёри ААИ | Маблағи ААИ | Арзиши умумӣ (д+е+ж+и) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| а | б | в | г | д | е | ж | з | и | й |
| 1 | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | | |
| 7 | | | | | | | | | |
| 8 | | | | | | | | | |
| 9 | | | | | | | | | |
| 10 | | | | | | | | | |

**5.1 Роҳбар** ____________ (н.н.) ____________ (имзо) **Сармуҳосиб** ____________ (н.н.) ____________ (имзо)

**Ҷ.М.**

**5.2 Тасдиқ мекунам** ____________ (н.н.) ____________ (имзо) **сана** «___» ________20___ с.

*Эзоҳ:* Ҳисобнома-фактура бе мӯҳр ва имзои роҳбар ва сармуҳосиб эътибор надорад. дар чор нусха пур карда мешавад. Шахсоне, ки ба тайёр ва фурӯши ҳисобнома-фактураҳои қалбакӣ, инчунин ба иваз кардан, тағйир додан, дигаргунӣ ва сохтакории ҳисобнома-фактураҳо машғуланд тибқи қонунгузории ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Пушти Замимаи №1 ба Дастурамал**
**оид ба тартиби истифодаи**
**ҳисобнома-фактураҳои андоз**
**аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

**Тартиби таҳия (навиштан) ва пешниҳод намудани ҳисобнома фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

1.Тибқи моддаи 186 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо дар чор нусха тартиб дода мешавад. Нусхаи аввал ва дуюм ба гирандаи (харидори, фармоишгари) молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), нусхаҳои сеюм ва чорум дар ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии андозсупоранда (шахси ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда навишта) мемонад. Ҳангоми аз ҷониби андозсупоранда ба мақоми андози дахлдор пешниҳод намудани эъломия аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда дар як вақт дар воситаи паҳн кунандаи қоғазӣ ва электронӣ дар шакли тасдиқ намудаи мақоми ваколатдори давлатӣ феҳрист ва нусхаҳои сеюми ҳисобнома-фактура, ки андозсупорандаи мазкур тартиб додааст, инчунин нусхаи дуюми ҳисобнома-фактура, ки ҳамин андозсупоранда ҳангоми хариди молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) гирифтааст пешниҳод карда мешавад.

2. Ҳаҷми амалиёти андозбандӣ дар ҳисобнома-фактураҳо ба тариқи алоҳида аз рӯи ҳар як номгуи молҳо (кор, хизматрасониҳо) нишон дода мешавад. Нишон додани ҳаҷми умумии амалиёти андозбандӣ иҷозат дода мешавад, агар ба ин ҳисобнома-фактура феҳристи номгӯи молҳо (корҳои, хизматрасониҳои) таҳвил шуда пешниҳод шуда бошад. Дар ин сурат дар ҳисобнома-факрураҳо бояд рақам ва санаи феҳристи пешниҳод шуда нишон дода шавад.

3. Дар банди 1.1 ҳисобнома-фактураҳо силсила ва рақами варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ дар муассисаи полиграфие, ки маҳсулоти мазкурро ба тарзи матбааги мебароранд, гузошта мешавад. Дар банди 1.2 рӯз, моҳ ва соли навиштани ҳисобнома-фактура нишон дода мешавад. Дар банди 1.3 андозсупоранда рақами тартибии ҳисобнома фактураҳо мутобиқи қисми Китоби сабти ҳисобнома-фактура аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо тартиб дода шудаи андозсупоранда нишон дода мешавад. Дар як катаки бандҳои 1.4, 1.5 ва 1.6 бо нишон додани аломати «+» дар хоначаи холи бояд хусусияти ҳисобнома-фактураҳои таҳия шуда (навишташуда): асоси ба амалиёти содиротӣ дахл дошта ва иловагӣ нишон дода мешавад.

Дар ҳолате, агар ҳисобнома-фактура иловагӣ ба шумор равад, зарур аст ба силсила ва рақами матбагиӣ ва санаи ҳисобнома-фактураҳои асосии навишташуда (маълумотҳои бандҳои 1.1, 1.3 ва 1.2 ҳисобнома-фактураи асоси) ишора гардад , ки ба он ҳамин ҳисобнома-фактураи иловагӣ навишта мешавад. Ҳангоми тасҳеҳи гардиши андозбандишаванда дар ҳисобнома-фактураҳои иловагӣ аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда тафовути маблағи байни гардиши андозбандӣ аз рӯи ҳисобнома-фактураҳои асосӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва гардиши андозбандӣ тасҳеҳ шуда муайян карда мешавад. Агар гардиши андозбандишаванда аз ҳисобнома-фактураи асосӣ аз гардиши тасҳеҳгардида зиёдтар бошад, сабти тафовути маблағи андоз дар ҳисобнома-фактураи иловагӣ, ки пеш аз маблағи андоз аломати « - » гузошта шудааст вазифадор аст дар эъломияҳои андозии худ маблағи андози баҳисобгирифташавандаро ба маблағи дар ҳисобнома-фактураҳои иловагӣ омада кам намояд. Агар гардиши андозбандишаванда дар ҳисобнома-фактураи асосӣ камтар аз гардиши андозбандишаванда тасҳеҳшуда бошад, сабти фарқияти андозии ба миён омада дар ҳисобнома-фактураи иловагӣ бо нишон додани аломати «+» пеш аз маблағи андоз гузошта шуда, харидори молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) бо қабули ҳисобнома-фактураҳои иловагӣ ҳуқуқи ба ҳисобгирии фарқияти нишондадашударо доранд. Дар ҳар ду ҳолат ҳисоббаробаркунии мутақобила мувофиқкунонидашуда байни таҳвилкунанда ва қабулкунандаи молҳо (кор, хизматрасон) сурат мегирад.

Банди 1.7 ҳисобнома-фактураҳо, агар ба ҳисобнома-фактураҳои мазкур феҳристи амалиёти андозбандишаванда пешниҳод гардид пур карда мешавад. Дар ин маврид инъикоси ҳатмии рақами феҳрист, санаи тартиб додани он ва миқдори варақахои пешниҳод гардида лозим аст.

Дар банди 2.1 номи андозсупорандае, ки дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шудааст, суроғаи охирине, ки ба мақомоти андоз пешниҳод шудааст нишон дода мешавад.

Дар банди 2.2 рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) шахси ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайдгирифташуда ва ҳисобнома-фактураи мазкурро тартиб дода нишон дода мешавад.

Дар банди 2.3 рақами Шаҳодатнома оид ба бақайдгирифтани андоз аз арзиши иловашуда ва санаи додани он нишон дода мешавад.

Дар банди 3.1 ном ва суроғаи воқеияти харидори молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) дар қарордод, шартнома, созишнома оид ба таҳвили молҳо (корҳо хизматрасониҳо) омада нишон дода мешавад.

Дар банди 3.2 рақами мушаххаси андозсупорандаи харидори молҳо (кор, хизматрасоний) нишон дода мешавад. Дар мавриди агар харидор ба сифати воҳиди махсуси шахси ҳуқуқӣ статуси корхонаро надошта баромад кунад дар ин ҳолат РМА корхонаи асоси нишон дода мешавад.

Банди 3.3 пур карда мешавад, агар ҳисобнома-фактураҳо ба амалиёти содиротӣ тартиб дода шавад. Дар банди мазкур бо тартиби ҳатмӣ мамалакат ва нуқтаи охири таъиноти содироти молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) инъикос мегардад.

4. Дар сутунбанди 4 қисми «В» варақаҳои ҳисобнома-фактура маълумоти зайл инъикос мегардад:

- а - рақами тартибии навиштаҷотҳо;
- б - номгӯи молҳо (корҳо , хизматрасонҳо);
- в - воҳид;
- г - миқдор;
- д - амалиёти озод;
- е - амлиёти андозбандишаванда;
- ж - маблағи андози аксизӣ;
- з - меъёри андози арзиши иловашуда;
- и - маблағи андози арзиши иловашуда;
- й - арзиши умумӣ(маблағи стунҳои (д+е+ж+и)

5. Дар банди 5.1 ному насаби роҳбар ва сармуҳосиби андозсупоранда, ки ҳисобнома-фактураҳои мазкурро навиштааст нишон дода мешавад ва бо муҳри дахлдор тасдиқ карда мешавад.

Банди 5.2 ҳангоми тартиб додани ҳисобнома-фактураи иловаги пур карда шуда дар он ному насаб, санаи қабул қайд гардида имзои намояндаи харидоре, ки молҳоро (корҳоро, хизматрасониҳоро) қабул кардааст, гузошта мешавад.

6. Барои нодуруст пешниҳод кардани ҳисобнома-фактураҳо, ки ба камшавии маблағи андози ба буҷет пардохтшаванда маблағи ҳисобот оваранда, ҳамчунин барои пешниҳод накардани ҳисобнома-фактураҳо аз руи андоз аз арзиши иловашуда тибқи Кодекси Ҷумҳурии тоҷикистон «Оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима карда мешавад.

**Замимаи №2 ба Дастурамал**
**оид ба тартиби истифодаи**
**хисобнома-фактураҳои андоз**
**аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

**Фехристи № ☐☐☐☐☐☐ аз ☐☐ ☐☐ ☐☐☐☐ с.**
**таҳвили молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) андозбандишаванда доир ба ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо № ☐☐☐☐☐☐☐ аз ☐☐ ☐☐ ☐☐☐☐ с.**
**Силсила ва рақами ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ҳамчун варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ : силсила ☐☐ рақам ☐☐☐☐☐☐**

| № | Номгӯи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) | Воҳид | Миқдор | Амалиёти андозбандишаванда | Маблағи андози аксизи | Меъёри ААИ | Маблағи ААИ | Арзиши умумӣ (д+е+з) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| а | б | в | г | д | е | ж | з | и |
| 1 | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | |
| 7 | | | | | | | | |
| 8 | | | | | | | | |
| 9 | | | | | | | | |
| 10 | | | | | | | | |
| 11 | | | | | | | | |
| 12 | | | | | | | | |
| 13 | | | | | | | | |
| 14 | | | | | | | | |
| 15 | | | | | | | | |
| 16 | | | | | | | | |
| 17 | | | | | | | | |
| 18 | | | | | | | | |
| 19 | | | | | | | | |
| 20 | | | | | | | | |
| 21 | | | | | | | | |
| 22 | | | | | | | | |
| 23 | | | | | | | | |
| 24 | | | | | | | | |
| 25 | | | | | | | | |
| 26 | | | | | | | | |
| 27 | | | | | | | | |
| 28 | | | | | | | | |
| 29 | | | | | | | | |
| 30 | | | | | | | | |
| 31 | | | | | | | | |
| 32 | | | | | | | | |
| 33 | | | | | | | | |
| 34 | | | | | | | | |
| 35 | | | | | | | | |
| 36 | | | | | | | | |
| 37 | | | | | | | | |
| 38 | | | | | | | | |
| 39 | | | | | | | | |
| 40 | | | | | | | | |

**Роҳбар ____________________ __________________ Сармуҳосиб ____________________ _________________**
**(Н.Н.) (имзо) (Н.Н.) (имзо)**
**Ҷ.М.**
**Тасдиқ мекунам ___________________ _______________ сана «____» ___________20____ с.**
**(Н.Н.) (имзо)**

**Пушти Замимаи №2 ба Дастурамал**
**оид ба тартиби истифодаи**
**ҳисобнома-фактураҳои андоз**
**аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

**Тартиби бурдани феҳристи таҳвили молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) андозбандишаванда доир ба ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

1. Феҳристи таҳвили молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) андозбандишаванда доир ба ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо дар мавриде ба кор бурда мешавад, ки дар варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо имконияти нишон додони ҳамаи таҳвили молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) дар чаҳорчубаи як амалиёти андозбандишаванда, ғайри имкон аст.

2. Феҳристи таҳвили молҳои (корҳо, хизматрасониҳо) андозбандишаванда ба ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо (минбаъд-феҳрист) дар чор нусха пур карда мешавад ва қисми ҷудонашавандаи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳое, ки ба он мансуб аст, мебошад.

3. Рақам ва санаи феҳристи қайд гардида бояд бо рақами тартибӣ ва санаи ба рӯихатгирии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо мувофиқат кунад. Дар мавриде, ки нишон додани таҳвили ҳамаи молҳои (корҳои, хизматрасониҳои) андозбандишаванда дар чаҳорчӯбаи як амалиёти андозбондишаванда дар як феҳрест ғайри имкон бошад, дар ин ҳолат (дар мавриди зарурӣ) дар нусхаҳои дуюм ва баъдии варақаҳои феҳрист нишон дода мешавад. Дар ин маврид, дар ҳамаи варақаҳои феҳристҳои навишта шудаи ба як амалиёти андозбандӣ мансуб будаи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо рақамҳои тартибии якхела ва санаи пур кардан гузошта мешавад. Дар ҳолате, ки агар феҳрист аз чанд варақ иборат бошад дар варақи аввал ва дар варақҳои баъдии феҳрист дар гӯшаи рости поёнии варақ рақами тартибӣ гузошта мешавад.

4. Дар сутунҳои феҳрист маълумотҳои зайл инъикос мегардад:

- а - рақами тартибии навиштаҷотҳо;
- б - номгӯи молҳо (корҳо, хизматрасонҳо);
- в - воҳид;
- г - миқдор;
- д - амлиёти андозбандишаванда;
- е - маблағи андози аксизӣ;
- ж - меъёри андози арзиши иловашуда;
- з - маблағи андози арзиши иловашуда;
- и - арзиши умуми амалиёт (маблағи стунҳои д+е+з)

5. Дар қисми поёнии феҳрист ному насаби роҳбар ва сармуҳосиби андозсупоранда, ки феҳристи мазкурро навиштааст нишон дода мешавад ва бо муҳри муқаррааргардида тасдиқ карда мешавад.

Дар мавриди тартиб додани феҳрист ба ҳисобнома-фактураҳои иловагӣ дар ҳар варақи феҳрист ному насаб, санаи қабул нишон дода шуда, имзои намояндаи харидори молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), ки феҳристи мазкур ва ҳисобнома-фактураи иловагиро аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо қабул кардааст, гузошта мешавад.

Замимаи №3 ба Дастурамал
оид ба тартиби истифодаи
ҳисобнома-фактураҳои андоз
аз арзиши иловашуда ва аксизҳо

**Дар ин Китоб шуморабандӣ,**
**ресмонбандӣ шудааст**
**«____» ______________________**
(бо харф)
**______________________ варақ.**
**Роҳбари мақомоти андоз**
**___________________________________**
(Н.Н.)
**_____________ «_____» _______20___ с.**
(имзо)

**Ҷ.М.**

# Китоби

**ҳисоби даромади варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо дар нозироти андози шаҳру (ноҳия) ______________________________________________________________________**

**Шурӯъ «_____» _____________ 20_____с.**

**(шакли пур кардани китоб)**

| № | Номгӯй, рақам ва таърихи ҳуҷҷатҳои воридотӣ | миқдор | Силсила | | Рақам | | Рузи қабул | Имзо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | аз | то | аз | то | | |
| а | б | в | г | д | е | ж | з | и |
| 1 | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | |

**Пушти Замимаи №3 ба Дастурамал оид ба тартиби истифодаи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

**Тартиби пешбурди Китоби ҳисоби даромади варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо дар нозироти андоз**

1. Китоби ҳисоби даромади варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо дар нозироти андоз (минбаъд-Китоб) тибқи муқаррароти моддаи 186 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

2. Китоби ҳисоби даромади варақаҳои ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо дар мақомоти андоз рақамгузорӣ ва ресмонбандӣ мешавад. Дар сарлаҳва ва дар саҳифаҳои охири китоб роҳбари мақомоти андоз қайдҳои махсус оид ба миқдори саҳифаҳои рақамгузоришуда гузошта, бо имзову муҳр насб мегардад. Дар шӯъбаҳои Нозироти андози андозсупорандагони калон дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе амали мазкур аз тарафи сардори Нозироти андози андозсупорандагони калон ба роҳ монда мешавад. Китоби ҳисоби даромади варақаҳои ҳисобнома-фактураҳо аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои пур шуда дар мақомоти андоз ба муддати се сол аз рӯзи пуршуданашон нигоҳ дошта мешавад.

3. Ҳангоми пешбурди Китоб шахси масъули мақомоти андоз, ки тибқи фармон масъулияти супоридани ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро ба андозсупорандаҳо бар зимма дорад, аз рӯи қабули ҳар даста ҳисобнома-фактураҳо қойдҳои зеринро менамоянд:

- дар сутуни «а» рақами тартиби амалиёт оид ба даромади варақаҳои ҳисобнома фактураҳо;
- дар сутуни «б» номгӯй, рақам ва санаи ҳуҷҷати воридотӣ, ки тавассути он дар мақомоти андоз варақаҳои ҳисобнома-фактураҳо ворид карда шудаанд;
- дар сутуни «в» миқдори умумии дастаҳои воридшудаи варақаҳои ҳисобнома-фактураҳо нишон дода шудааст;
- дар сутуни «г» силсилаи охир, ки бо он аз рӯи тартиби афзоиши воридоти ҳисобнома-фактураҳо шурӯъ мегардад, нишон дода шудааст;
- дар сутуни «д» силсилаи охир, ки бо он аз рӯи тартиби афзоиш ва воридоти ҳисобнома-фактураҳо ба итмом мерасад, қайд мегардад;
- дар сутуни «е» рақами матбаагии аввал бо тартиби афзоянда аз рӯи ҳисобнома-фактураҳои воридгардида нишон дода мешавад;
- дар сутуни «ж» рақами матбаагии охир бо тартиби афзоянда аз рӯи ҳисобнома-фактураҳои воридгардида нишон дода мешавад;
- дар сутуни «з» санаи қабули ҳисобнома-фактураҳо азтарафи нозироти андоз нишон дода мешавад;
- дар сутуни «к» имзои шахси масъул барои навиштани китоб нишон дода мешавад;

4. Корманди барои пешбурди китоб масъули мақоми ҳудудии нозироти андоз маълумотҳоро ҷамъбаст намуда ба мақомотии болоии андоз ҳисоботи дахлдорро хулосавӣ бо шакл ва тартиби дар ҳуҷҷатҳои алоҳидаи истифодаи хизматӣ муқарраргардида, пешниҳод мекунад.

Замимаи №4 ба Дастурамал
оид ба тартиби истифодаи
ҳисобнома-фактураҳои андоз
аз арзиши иловашуда ва аксизҳо

**Дар ин Китоб шуморабандӣ,**
**ресмонбандӣ шудааст**
**«____» ______________________**
(ба ҳарф)
**______________________ варақ.**
**Роҳбари мақомоти андоз**
**___________________________________**
(Н.Н.)
**_____________ «_____» _______20___ с.**
(имзо)

**Ҷ.М.**

**Китоби**
**ҳисоби масрафи варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**
**дар Нозироти андози шаҳру (ноҳия) __________________________________________________**

**Шурӯъ «_____» _____________ 20_____с.**

**(шакли пур кардани китоб)**

| № | Номи андозсупорандае, ки ба ӯ ҳисобнома-фактураҳои ААИ ва аксизҳо супорида шудааст | РМА | миқдор | Силсила | | Рақам | | Рузи қабул | Имзо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | аз | то | аз | то | | |
| а | б | в | г | д | е | ж | з | и | к |
| 1 | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | |

**Пушти Замимаи №4 ба Дастурамал**
**оид ба тартиби истифодаи**
**ҳисобнома-фактураҳои андоз**
**аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

## Тартиби пешбурди Китоби ҳисоби масрафи варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо

1. Китоби ҳисоби масрафи варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо (минъбад- Китоб) тибқи муқаррароти моддаи 186 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст. Китоби ҳисоби масрафи варақаҳои ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо дар асоси борхатҳои тибқи барнома таҳия шуда пур карда мешавад.

2. Китоби ҳисоби масрафи варақаҳои ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо дар мақомоти андоз рақамгузори ва ресмонбандӣ мешавад. Дар сарлаҳва ва дар саҳифаи охири китоб роҳбари мақомоти андоз қайдҳои махсус оид ба миқдори саҳифаҳои рақамгузоришуда гузошта ва бо имзову муҳр насб мегардад. Дар шӯъбаҳои Нозироти андози андозсупорандагони калон дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе амали мазкур аз тарафи сардори Нозироти андози андозсупорандагони калон ба роҳ монда мешавад. Китоби ҳисоби масрафи варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои пуршуда дар мақомоти андоз ба муддати се сол аз рӯзи пур шуданашон нигоҳ дошта мешавад.

**3.** Ҳангоми пешбурди Китоб, шахси масъули мақомоти андоз, ки тибқи фармон масъулияти супоридани ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро барои андозсупорандаҳо бар зимма дорад, аз рӯи қабули ҳар даста ҳисобнома-фактураҳо қайдҳои зеринро менамояд:

-дар сутуни «а» рақами тартиби амалиёт оид ба сарфи варақаҳои ҳисобнома-фактураҳо нишон дода мешавад;
- дар сутуни «б» номгӯи андозсупоранда, ки ба он варақаи ҳисобнома-фактура дода шудааст,нишон дода мешавад;
- дар сутуни «в» рақами мушаххаси андозсупории аднозсупорандае, ки варақаҳои ҳисобнома-фактураҳоро харидааст нишон дода мешавад;
- дар сутуни «г» шумораи умумии дастаҳои ҳисобнома-фактураҳои харидаи ин андозсупоранда дар як навбат, нишон дода мешавад;
- дар сутуни «д» силсилае нишон дода мешавад, ки аз он бо тартиби афзоянда ҳисобнома-фактураҳои таҳвилшуда оғоз мегардад;
- дар сутуни «е» силсилае нишон додо мешавад,ки аз он бо тартиби афзоянда ҳисобнома-фактураҳои таҳвилшуда анҷом меёбад;
- дар сутуни «ж» рақами матбаагии аввал бо тартиби афзоянда аз рӯи ҳисобнома-фактураҳои воридгардида нишон дода мешавад;
- дар сутуни «з» рақами матбаагии охир бо тартиби афзоянда аз рӯи ҳисобнома-фактураҳои воридшаванда нишон дода мешавад;
- дар сутуни «и» санаи додани варақаҳои ҳисобнома-фактураҳо аз тарафи мақомоти андоз нишон дода мешавад;
- дар сутуни «к» имзои шахси масъул барои навиштани китоб нишон дода мешавад.

4. Корманди барои пешбурди китоб масъули мақомоти ҳудудии андоз маълумотҳоро ҷамбаст намуда ба мақомоти болоии андоз ҳисоботи дахлдорро хулосавӣ бо шакл ва тартиби дар ҳуҷҷатҳои алоҳидаи истифодаи хизматӣ муқарраргардида, пешниҳод мекунад.

**Замимаи №5 ба Дастурамал**
**оид ба тартиби истифодаи**
**ҳисобномаҳо-фактураҳои андоз**
**аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

Ба нозироти андози шаҳр (ноҳия)

________________________________

**Ариза №**__________ аз «________»________________201 с.

**барои хариди варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

1.Номи андозсупоранда ____________________________________________________________

_______________________________________________________________________________

2. РМА_______________

3. Силсила ва рақам Шаҳодатномаи бақайдгири оид ба андоз аз арзиши иловашуда __________№______________ санаи навиштан ________________с.

4. Хоҳишманндам варақаҳои ҳисобнома-фактураҳо аз руи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳоро ба миқдори ______(________________ ) даста диҳед.
(бо ҳарф)

5. Пардохти варақаҳои ҳисобнома-фактураҳо аз руи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо дар асоси ______________________________________________ аз «____» _______________ 20 с.
(номгуи ҳуҷҷати пардохт)

ба маблағи __________ (______________) сомонӣ нухсаи ҳуҷҷати пардохт дар ҳаҷми _______варақ пешниҳод мешавад
(ба рақам) (бо ҳарф)

Роҳбар (соҳибкори инфироди) ____________________ ___________________________
Ному насаб (имзо)

Сармуҳосиб ______________________________ ___________________________________
Ному насаб (имзо)

Ч.М.

(Ин қисмат аз ҷониби мақомоти андоз пур карда мешавад)

Қайди мақомоти андоз ______________________________________________________________

Аз руи аризаи дар ҳоли ҳозир дар даст буда «____»_____________20____с. ҳамин андозсупоранда ҳақиқатан супорандаи андоз аз арзиши иловашуда мебошад.

---

Силсилаи ва рақами Шаҳодатномаи бақайдгири оид ба андоз аз арзиши иловашуда _________№ __________
санаи бақайдгири ________________с.

Корманди масъул ________________________________ ___________ «____» ____________20 с.
(имзо)

Дар асоси ариза ва қайди мақомоти андоз ба арзкунанда

_______________________________________________________________________________

РМА________________дода шуд ____________(______________________________) даста варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо аз силсилаҳои ____ то ____ аз рақамҳои ____________ то ___________
(ба рақам) (бо ҳарф)

**Сардори Нозироти андоз** ________________________________________ ______________________
(Ному Насаб) (Имзо)

Ч.М. «______»__________20___с.

Пушти **Замимаи №5 ба Дастурамал**
**оид ба тартиби истифодаи**
**ҳисобномаҳо-фактураҳои андоз**
**аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

**Тартиби навиштани Ариза дар бораи харид намудани варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

1. Ариза барои харидани варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда бо мақсади харидани варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо пур карда мешавад.

2. Барои харидани варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо (минъбад–Ариза) андозсупоранда ба мақомоти ҳудудии андоз, ки ҳамчун андозсупоранда дар қайди он истодааст, мурочиат менамояд. Андозсупорандагони калон ба Нозироти андози андозсупорандагони калон ё шӯъбаҳои он дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ариза пешниҳод менамоянд.

3. Фурӯхтани варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо дар муддати як рӯзи корӣ аз санаи қабули Аризаи андозсупоранда бо шакли мукаррар намудаи ҳамин Дастурамал, амалӣ мегардад. Санаи қабули аризаи мазкур санаи қайди корманди мақомоти андози бақайдгирандаи мукотиботи воридотӣ ба шумор меравад.

4. Дар қисми пуркунандаи мақомоти андоз шӯъбаи хизматрасонии андозсупорандаҳо дар бораи он, ки аризадиҳанда дар ҳақиқат санаи чории дида баромадани ариза, андозсупорандаи андози арзиши иловашуда ба шумор меравад ва маълумоти дахлдори зерин тачассум менамояд: силсила, рақам ва санаи додани шаҳодатномаи бақайдгирӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда.

5. Сардори дахлдори мақомоти андоз, ариза ва ҳуччатҳои тасдиққунандаро барои харидани варақаҳои ҳисобнома-фактураҳо аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо дида баромада, мувофиқи нишондоди шӯъбаи хизматрасонии андозсупорандагон ба андозсупоранда миқдори варақаҳои ҳисобнома-фактураҳо аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои дархостшударо, баъд аз қайди дахлдор намудан, медиҳад.

6.Варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ба андозсупоранда бо таҳияи намудани борхат тибқи барнома ба роҳ монда шуда, ҳамзамон дар Китоби ҳисоби баромадҳои варақаҳои ҳисобнома-фактурҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо қайд карда мешавад.

Замимаи №6 ба Дастурамал
оид ба тартиби истифодаи
ҳисобнома-фактураҳои андоз
аз арзиши иловашуда ва аксизҳо

**Дар ин Китоб шуморабандӣ,**
**ресмонбандӣ шудааст**
**«____» ______________________**
**(ба ҳарф)**
**______________________ варақ.**
**Сардори Нозироти андози шаҳри (ноҳия)**

**___________________________________**
**(Н.Н.)**
**_____________ «_____» _______20___ с.**
**(имзо)**

**Ҷ.М.**

# Китоби
# бақайдгирии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда
# ва аксизҳо навишташудаи андозсупоранда

___________________________________________________________________________

___________________________________________________________________________

**Рақами мушахаси андозсупоранда □□□□□□□□□**

**Силсила, рақами Шаҳодатномаи бақайдгирӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва санаи додани он:**

**силсила □□□ рақам □□□□□□ санаи додан □□ □□ □□□□**

**Шуруъ «______» ___________20____с.**

**(шакли пур кардани китоб)**

| Рақами тартиби | Номи харидори молҳо (кор хизматрасонӣ) | РМА | Маблағи аксиз | Маблағи ААИ | Силсила | Рақам | Санаи навишта шудан | Феҳристи тартибдода | имзо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |

**Пушти Замимаи №6 ба Дастурамал**
**оид ба тартиби истифодаи**
**ҳисобномаҳо-фактураҳои андоз**
**аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

**Тартиби пешбурди китоби қайди ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои навишташудаи андозсупоранда**

1. Китоби қайди ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо навишташудаи андозсупоранда (минбаъд–Китоби) тибқи муқаррароти моддаи 186 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

2. Китоб аз тарафи ҳар як андозсупорандаи андоз аз арзиши иловашуда аз рӯзи эътибор пайдо кардани бақайдгири бо мақсади андоз аз арзиши иловашуда кушода мешавад.

3. Китоби қайди ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо аз ҷониби андозсупоранда ресмонбандӣ ва ҳамаи саҳифаи он рақамгузорӣ мешавад. Дар сарлаҳва ва дар саҳифаи охири дафтар аз тарафи сардори нозироти андози ҳудуди шаҳри (ноҳиявӣ) ки андозсупоранда дар қайди он ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда истодааст, оид ба миқдори саҳифаҳои рақамгузоришуда қайди махсус намуда бо имзову муҳри мақомоти андози дахлдор тасдиқ мегардад. Андозсупорандагони калоне, ки дар қайди Нозироти андози андозсупорандагони калон калон мебошанд, ин амалҳо мутаносибан аз ҷониби Нозироти андози андозсупорандагони калон ё шӯъбаҳои он дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе амалӣ мешавад.

4. Дар Китоб рақами тартиби ҳисобнома-фактураҳо аз дастаи аввали ҳисобнома-фактураҳо аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ҳамчун варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ сар карда, гузошта мешавад. Дар ин маврид рақамгузорӣ бояд аз рақами 000001 шурӯъ гардида бе танаффус бо таври афзоянда, идома ёбад.

5. Дар мавриди аз тарафи шахси масъули андозсупоранда пур кардани Китоб, ки тибқи фармон ӯҳдадор аст ҳисобнома-фактураҳоро нависад, қайдҳои зайл гузошта мешавад:

- дар сутуни 1 рақами тартиби ҳисобнома-фактураҳои навишташуда нишон дода мешавад;
- дар сутуни 2 номгӯи харидори молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) қайд мегардад;
- дар сутуни 3 РМА-и харидори молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) нишон дода мешавад;
- дар сутуни 4 маблағи аксизи аз ҳисоби ҳисобнома-фактураҳои навишташуда нишон дода мешавад;
- дар сутуни 5 маблағи андоз аз арзиши иловашуда аз рӯи ҳисобнома-фактураҳои навишташуда нишон дода мешавад;
- дар сутуни 6 силсиаи варақа ҳисоботашон қатъии дар ҳисобнома-фактураи навишташуда нишон дода мешавад;
- дар сутуни 7 рақами варақаи ҳисоботашон қатъии дар ҳисобнома-фактураи навишташуда нишон дода мешавад;
- дра сутуни 8 санаи навишти ҳисобнома-фактураҳо қайд мегардад;
- дар сутуни 9 маълумот дар бораи навиштани феҳрист ба ҳисобнома-фактураи мазкур, агар феҳрист навишташуда бошад калимаи «ҳа», агар феҳрист навишташуда набошад, калимаи «не» гузошта мешавад;
- дар сутуни 10 имзои шахси масъул барои навиштани ҳисобнома-фактураҳо гузошта мешавад.

6. Шахси масъули андозсупоранда барои пеш бурдани китоб, аз рӯи моҳи ҳисоботии тақвимӣ то санаи 5 моҳи баъди моҳи ҳисоботӣ, миқдори ҳисобнома-фактураҳои навишташударо, дар сатри «ҳамагӣ» бо имзои худ тасдиқ мекунад. Маълумотҳои мазкур ба ҳисоботи ҳармоҳа доир ба навиштани ҳисобнома-фактураҳо аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳое, ки намуди он дар Замимаи 8 ҳамин Дастурамал омодааст, навишта мешавад.

**Замимаи №7 ба Дастурамал**
**оид ба тартиби истифодаи**
**ҳисобномаҳо-фактураҳои андоз**
**аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

**Дар ин Китоб шуморабандӣ,**
**ресмонбандӣ шудааст**
**«____» ________________________**
**(ба харф)**
**______________________ варақ.**
**Сардори Нозироти андози шаҳри (ноҳия)**

**____________________________________**
**(Н.Н.)**
**______________ «_____» _______20___ с.**
**(имзо)**

**Ҷ.М.**

# Китоби
# бақайдгирии ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои гирифтаи андозсупоранда

_____________________________________________________________________________

_____________________________________________________________________________

**Рақами мушахаси андозсупоранда □□□□□□□□□**

**Силсила, рақами Шаҳодатномаи бақайдгирӣ оид ба андоз аз арзиши иловашуда ва санаи додани он:**

**силсила □□□ РАҚАМ □□□□□□ САНАИ ДОДАН □□ □□ □□□□**

**ШУРУЪ «______» ___________20____С.**

**(шакли пур кардани китоб)**

| № | Номгуи таҳвилгари молҳо (кор хизматрасонӣ) | РМА | Маблағи аксиз | Маблағи ААИ | Силсила | Рақам | Сана | Феҳристи тартибдода | Имзо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |

**Пушти Замимаи №7 ба Дастурамал**
**оид ба тартиби истифодаи**
**ҳисобномаҳо-фактураҳои андоз**
**аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

**Тартиби пешбурди Китоби қайди ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои аз тарафи андозсупоранда қабулгардида**

1. Дар **Китоби** қайди ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо аз тарафи андозсупоранда қабул гардида (минбаъд – Китоб) тибқи муқарароти моддаи 186 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини назорати лозимаи ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо қабулнамудаи андозсупоранда мебошад.

2. Китоб аз тарафи ҳар як андозсупорандаи андоз аз арзиши иловашуда аз рӯзи эътибор пайдо кардани бақайдгирӣ бо мақсади андоз аз арзиши иловашуда кушода мешавад.

3. Китоби қайди ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳои аз тарафи андозсупоранда қабулгардида аз ҷониби андозсупоранда ресмонбандӣ ва ҳамаи саҳифаҳои он рақамгузорӣ мешавад. Дар сарлавҳа ва дар саҳифаи охири Китоб аз тарафи сардори Нозироти андози ҳудуди шаҳри (ноҳиявӣ), ки андозсупоранда дар қайди он ҳамчун супорандаи андоз аз арзиши иловашуда истодааст, оид ба миқдори саҳифаҳои рақамгузоришуда қайди махсус намуда бо имзову мухри мақомоти андози дахлдор тасдиқ мегардад. Андозсупорандагони калоне, ки дар қайди Нозироти андози андозсупорандагони калон мебошад, ин амалҳо мутаносибан аз ҷониби Нозироти андози андозсупорандагони калон ё шӯъбаҳои он дар вилоятҳо ва шаҳри Душанбе амали мешавад.

4. Дар мавриди аз тарафи шахси масъули андозсупоранда пур кардани Китоб, ки тибқи фармон вазифадор аст ҳисобнома-фактураҳоро нависад, қайдҳои зерин гузошта мешавад:

- дар сутуни 1 рақами тартиби ҳисобнома-фактураҳои аз таҳвилкунанда гирифтаи андозсупоранда нишон дода мешавад
- дар сутуни 2 номгӯи тавҳилкунандаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) қайд мегардад;
- дар сутуни 3 рақами мушахаси андозсупоранда – тавҳилкунандаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) нишон дода мешавад;
- дар сутуни 4 маблағи аксизҳои аз ҳисобнома-фактураҳо қабулшуда акс меёбад;
- дар сутуни 5 маблағи андоз аз арзиши иловашуда аз ҳисобнома-фактураҳои қабулшуда нишон дода мешавад;
- дар сутуни 6 силсилаи маблағӣ ва варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ, дар ҳисобнома-фактураҳои қабулшуда иникос гардидааст, оварда мешавад;
- дар сутуни 7 рақами матбаагии варақаҳои ҳисоботашон қатъӣ, ки дар ҳисобнома-фактураҳои қабулшуда иникос гардидааст, оварда мешавад;
- дар сутуни 8 рақами тартибии аз ҷониби таҳвилкунанда дар варақаи ҳисобнома-фактураи қабулгардида қайд мегардад;
- дар сутуни 9 санаи навишти ҳисобнома-фкатураҳо аз тарафи таҳвилкунанда нишон дода мешавад;
- дар сутуни 10 маълумот дар бораи навиштани феҳристи ба ҳамин ҳисобнома-фактура, агар феҳрист навишта шуда бошад калимаи «ҳа», агар феҳрист навишта нашуда бошад калимаи «не» навишта мешавад;
- дар сутуни 11 имзои шахси масъул, ки барои ворид намудани сабтҳо дар Китоби қайди ҳисобнома-фактураҳо аз рӯи андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо аз тарафи андозсупоранда қабул гардида гузошта мешавад.

5. Шахси барои пешбурди Китоб масъули андозсупоранда, ҳар моҳ то санаи 5 моҳи минбаъда ҳисоботи, шумораи ҳисобнома-фактураҳои қабулнамудаашро ҷамбаст намуда бо гузоштани имзои худ дар сатри «ҳамагӣ» онро тасдиқ менамояд. Маълумотҳои мазкур дар ҳисоботи ҳармоҳаи андозсупоранда оиди қабул намудани ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо, ки бо шакли дар замимаи 8 ҳамин Дастурамал омада мувофиқат менамояд, ҳамроҳ карда мешавад.

**Замимаи №8 ба Дастурамал**
**оид ба тартиби истифодаи**
**ҳисобнома-фактураҳои андоз**
**аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

**Номгуи андозсупоранда** ____________________________________________________________

**РМА андозсупоранда**____________________________

## Ҳ И С О Б О Т
**Дар бораи сарф ва бақияи варақаҳои ҳисобнома- фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

**барои моҳи________________соли 20___**

| | | Миқдори дастаҳо | Силсилаи матбаагӣ | | Рақами матбаагӣ | | эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | аз | то | аз | то | |
| а | б | в | г | д | е | ж | з |
| 1 | Маълумот дар бораи ҳисобнома-фактураҳо дар аввали моҳи ҳисоботӣ | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | | | |
| 2 | Дар моҳи ҳисоботӣ харида шудааст | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | | | |
| 3 | Варақаҳои ҳисобнома- фактураҳо и сарфшуда дар моҳи ҳисоботӣ : аз он ҷумла — Ба харидорон барои молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) навишта шуд | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | | | |
| | Вайроншуда | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | | | |
| | Гумшуда | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | | | |
| | Супоридашуда | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | | | |
| 4 | Бақия дар охири моҳи ҳисоботӣ | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | | | | | |

Роҳбар_____________________________________ __________________
(ному насаб) (имзо)

Сармуҳосиб________________________________ __________________
(ному насаб) (имзо)

**Ҷ.М .**

Шахси мутассадии (куратор) Нозироти андоз_________________________________ ________________
(ному насаб) (имзо)

Ҷ.М.

Сана «___»______________соли 20_____

**Пушти Замимаи № 8 ба Дастурамал
оид ба тартиби истифодаи
ҳисобнома-фактураҳои андоз
аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

**Низоми тартиб додани Ҳисобот дар бораи сарф ва бақияи варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо**

1. Низоми тартиб додани ҳисобот дар бораи сарф ва бақияи ҳисобноми-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо (минбаъд–Ҳисобот) бо мақсади назорат аз рӯи гардиши ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо ҳамчун варақаҳои ҳисоботашон қатъи аз ҷониби андозсупорандагон ба тартиби муқарраргардида харидашуда, мебошад.

2. Ҳисобот аз тарафи андозсупоранда дар ҳамон давраи андозии мутаалиқ ба эъломияҳои оид ба андоз аз арзиши иловашуда навишта мешавад.

3. Бо тартиби муқарраргардида пур накардани ҳисобот чунин маънидод мешавад, ки андозсупоранда ӯҳдадорияшро дар пешниҳод кардани ҳисобнома-фактураҳо иҷро накардааст. Эъломияи андоз аз арзиши иловашуда бе Ҳисобот дар бораи сарф ва бақияи варақаҳои ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксизҳо қабул карда намешавад ва ба андозсупоранда барои навиштан баргардонида мешавад, пас аз иҷрои он ба тартиботи муқарраргардида аз тарафи мақомоти андоз қабул карда мешавад.

4. Зимни навиштани Ҳисобот аз тарафи шахси масъули андозсупоранда, ки тибқи фармон масъулияти навиштани ҳисобнома-фактураро ба зимма дорад қайдҳои зерин гузошта мешавад:

- дар сатри 1 маълумот дар бораи миқдори дастаҳо (банди «в»),силсилаи матбаагӣ (бандҳои «г» ва «д») рақамҳои матбаагӣ (бандҳои «е» ва «ж») барои ҳисобнома-фактураҳо дар оғози моҳи аввал нишон дода мешавад;
- дар сатри 2 маълумот доир ба миқдори дастаҳо (банди «в»), силсилаҳои матбаагӣ (бандҳои «г» ва «д») ва рақами матбаагӣ (бандҳои «е» ва «ж») ҳисобнома-фактураҳо, дар моҳи ҳисоботи аз мақомоти андоз харидаи андозсупорандагон нишон дода мешавад;
- дар сутуни 3 маълумот аз миқдори дастаҳо (банди «в»), силсилаҳои матбаагӣ (бандҳои «г» ва «д») ва рақамҳои матбаагӣ (бандҳои «е» ва «ж») ҳисобнома-фактураҳо, дар давраи ҳисоботӣ истифода бурда, аз ҷумла харидорон навиштаи молҳо (корҳо, хизматрасониҳо), ҳисобнома-фактураҳои вайроншуда, гумшуда ва супоридашуда нишон дода мешавад;
- дар сатри 4 маълумот аз рӯи миқдори дастаҳо (банди «в»), силсилаҳои матбаагӣ (бандҳои «г» ва «д») ва рақамҳои матбаагӣ (бандҳои «е» ва «ж») ҳисобнома-фактураҳо, дар моҳи охири ҳисоботиӣ боқимонда нишон дода мешавад.

5. Дар қисми поёнии Ҳисобот ному насаби роҳбар ва сармуҳосиби андозсупоранда, ки Ҳисоботи мазкурро навиштааст, санаи пур кардан ва мухри дахлдор гузошта мешавад.

6. Оиди қабули Ҳисобот шахси мутассадии (куратор) Нозироти андоз санаи қабул ва имзо мегузорад.